«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ________________
«22» ___12___ соли 2025

# ПРОТОКОЛИ №5

ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 19 декабри 2025 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиб: Насриддинзода С.Н.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И. н.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., н.и.ҳ., дотсент Мирализода Э.Б., н.и.ҳ., дотсент Каримов Д.Б. н.и.ҳ., муаллими калон Сайфуллозода У.А., н.и.ҳ., муаллими калон Шарипов М.М., н.и.ҳ., Мирзозода Қ.Х., н.и.ҳ., Шарифзода Р.Ф. н.и.ҳ., Камолов Х.С. муаллими калон Юлдошева Г.М., ассистент., Абдуллозода Б.В. ассистент Исматов Р.А., ассистент Зоирова П.Ҷ. ва лабаранти кафедра Насриддинзода С.Н.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Анвар Ислом, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Исломзода Илҳом Ислом баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки муҳити зист яке аз омилҳои асосии ҳаёти инсон ва тамоми мавҷудоти

зинда маҳсуб меёбад. Бе муҳити зисти солим, рушди устувор, саломатии ҷомеа ва ҳаёти муътадили инсон ғайриимкон мебошад.

Ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти мусоид дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст. Мутобиқи моддаи 38 Конститутсияи ҶТ «давлат барои солимгардонии муҳити зист тадбирҳо меандешад...»

Ҷиноятҳое, ки ба амнияти экологӣ ва муҳити зист таҳдид мекунанд, кирдорҳоеро ифода менамоянд, ки дорои дараҷаи хавфнокии баланди ҷамъиятӣ мебошанд. Онҳо дар боби 24-уми фасли IX Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал зикр ёфтаанд. Аз ҷумла, ба чунин ҷиноятҳо шикори ғайриқонунӣ дохил мешавад, ки барои он дар м. 232 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст. Муқаррар гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдорҳо чораи муҳиме мебошад, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба шароити мусоиди муҳити атроф, таъмини устувории экологӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ нигаронида шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба хатарҳои равандҳои нобудсозии муҳити табиӣ, пурзурнамоии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун воситаи пешгирӣ ва танзимнамоӣ аҳаммияти махсусро касб менамояд.

Мавриди зикр аст, ки вазъи муҳити зист ва иқтидори табиӣ, махсусан гуногунии биологӣ тағйирёбанда буда, пеш аз ҳама, аз омили инсонӣ вобаста мебошад. Мутобиқи маълумоти оморӣ, гарчанде содиршавии ҷиноятҳое, ки бо шикори ғайриқонунӣ алоқамонданд, ҳамчун яке аз намудҳои ҷиноятҳои экологӣ дар кишвар кам ба қайд гирифта шуда бошанд ҳам, тамоюли содиршавии онҳо то ҳол идома дорад. Гарчанде ин шумораҳо дар муқоиса бо дигар намуди ҷиноятҳо зиёд набошанд ҳам, эҳтимолияти латентнокии ин ҷиноятҳо, яъне пинҳон мондан ва ба қайд гирифта нашудан, баланд арзёбӣ мешавад, ки ин як масъалаи ҷиддии амалӣ ва назариявӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Омӯзиши мавзуи зикргардида дар доираи таҳқиқоти илмӣ имкон медиҳад, ки на танҳо қонунгузории миллӣ таҳлил гардад, балки таҷрибаи муқоисавии давлатҳои дигар низ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқи ҷиноятии кишвар мубрам буда, метавонад ҳамчун воситаи мукаммалсозӣ ва рушди қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба шикори ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намояд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ва н.и.ҳ дотсент Мирзозода Қ.Х. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Исломзода Илҳом Ислом ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода Анвар Ислом баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории

Исломзода И.И. суханронӣ намуда, ифроз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ. дотсент Холиқзода Ш.Л., ва дотсент Мирзоахмедов Ф.А. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Исломзода Илҳом Ислом муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 6 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Исломзода Илҳом Ислом ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҳуқуқӣ ва криминологии он» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи хуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 19 декабри соли 2025, №5 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«19» 12 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj